**СУРАТМАҶЛИСИ № 25**

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030

**12 - уми феврали соли 2021.** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 - юми марти соли 2020, №63 тасдиқгардида, 12 нафар, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи доктории Ҳасанов Шарифхӯҷа Қозиевич, ки дар мавзӯи «Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ).

Аз рӯйи масъалаи мазкур аъзои комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ Шоисматуллоев Ш. ва Фаттоҳзода С.С. баромад намуданд (Хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи доктории Ҳасанов Шарифхӯҷа Қозиевич, ки дар мавзӯи «Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд: Искандаров Акбаршоҳ Искандарович – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Каримов Шамсиддин Турсунматович - доктори илмҳои сиёсӣ, Раиси Ассотсиатсияи ташкилотҳои ғайрдавлатии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда таъйин карда шавад: Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон».

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 25 - уми июни соли 2021 таъйин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои сиёсӣ, профессор** **Нуриддинов Р.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Муъминов А.И.**